**ХУЛОСАИ ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-014 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМҲОИ ИҚТИСОДӢ**

**Парвандаи аттестатсионии №_______________**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 15.03.2024, №34**

Барои сазовор донистани Аҳадов Исматилло Қаюмович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07. -Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.

Диссертатсияи Аҳадов Исматилло Қаюмович дар мавзуи «Такмили низоми идоракунии дороиҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07. -Молия, муомилоти пулӣ ва қарз санаи 09 январи соли 2024, дар асоси хулосаи мусбати комиссияи экспертӣ барои ҳимоя қабул карда шуд, суратмаҷлиси №47 Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14), ки он дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, тахти №13/шд таъсис дода шудааст.

Унвонҷӯ Аҳадов Исматилло Қаюмович, соли таваллудаш 05.12.1987, миллаташ тоҷик, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳоло ба ҳайси муаллими калони кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон фаъолият менамояд.

Соли 2010 Донишкадаи иқтисодии Тоҷикистонро (ҳоло Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон) аз рӯйи ихтисоси фаъолияти бонкӣ хатм намудааст.

Солҳои 2010-2012 ҳамчун ассистенти кафедраи молия ва андози Донишкадаи иқтисодии Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон) ва солҳои 2012-2013 ассистенти кафедраи молияи Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон) фаъолият намудааст.

Аз соли 2012 то соли 2016 ба ҳайси унвонҷӯйи кафедраи иқтисоди ҷаҳон ва тиҷорати байналмилалии Донишкадаи иқтисодии Тоҷикистон буд. Сипас бо фармоиши №68/и-“а” аз 12.06.2018 Аҳадов Исматилло Қаюмович бинобар сабаби зарурияти истеҳсолӣ, мувофиқ набудани кафедра ба ихтисоси базавӣ ва мавзуи диссертатсия, номбурда минбаъд ба ҳайси унвонҷӯ дар кафедраи фаъолияти бонкӣ вобаста карда шудааст.

Аз моҳи феврали солҳои 2013 то соли 2018 ба ҳайси ассистенти кафедраи фаъолияти бонкии Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон) ва 2018-2022 ассистенти кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон кор ва фаъолият намудааст. Аз соли 2022 ҳамчун муаллими калони кафедраи номбурда фаъолият мекунад.

**Роҳбари илмӣ:**

**Хайрзода Шукрулло Қурбоналӣ** - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, ректори Донишгоҳи давлатии Данғара.

**Муқарризони расмӣ:**

**Умаров Х.**–доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи географияи иқтисодӣ ва сайёҳии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

**Бобоев Нозимҷон Мансурович -** номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи молия ва андози факултети иқтисодии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, ба диссертатсия тақризи мусбат доданд.

**Муассисаи пешбар** - Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон дар тақризи худ, ки аз ҷониби н.и.и., дотсенти кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон Миразизов А.Ҳ. таҳия гардида, дар ҷаласаи кафедраи молия ва қарз баррасӣ ва муҳокима карда шудааст (суратҷаласаи №6, аз 26.01.2024) ва аз ҷониби ректори Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон д.и.и., профессор Файзулло Машраб Қурбоналӣ тасдиқ шудааст, хулосаи мусбат додааст.

Дар тақриз хулоса бароварда шудааст, ки диссертатсияи Аҳадов Исматилло Қаюмович дар мавзуи «Такмили низоми идоракунии дороиҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», кори илмию таҳқиқотии мустақилона ба итмомрасида дониста шуда, ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рисолаҳои номзадӣ аз рӯйи ихтисос, ки бо “Низомномаи шӯрои диссертатсионӣ” ва “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” муқарар шуда ва бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Аҳадов Исматилло Қаюмович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз сазовор мебошад.

Автореферат ва корҳои илмии нашршудаи довталаби дараҷаи илмӣ пурра мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамояд. Дар хулосаи мусбат қайд шудааст, ки довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия 17 интишороти илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда дорад.

**Муҳимтарин интишороти муаллиф доир ба мавзуи диссертатсия:**

**Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда:**

**[1-М].** Аҳадов И.Қ. Асосҳои назариявии идоракунӣ ва танзими дороиҳои бонкӣ [Матн]/ И.Қ. Аҳадов. // Паёми молия ва иқтисод. 2021. № 3 (27). С. 148-154. ISSN 2663 – 0389.

**[2-М].** Аҳадов И.Қ. Заминаҳои ташаккули дороиҳои бонкӣ дар шароити иқтисодиёти бозорӣ [Матн]/ И.Қ. Аҳадов. // Паёми молия ва иқтисод. 2021. № 4-1 (29). С. 219-226. ISSN 2663 – 0389.

**[3-М].** Аҳадов И.Қ. Роҳҳои имконпазири коҳиш додани хавфи дороиҳои бонкӣ дар шароити имрӯза [Матн]/ И.Қ. Аҳадов, А.М. Мирзоев // Паёми молия ва иқтисод. 2022. № 4/2 (34). С. 98-106. ISSN 2663 – 0389.

**[4-М].** Аҳадов И.Қ. Идоракунии дороиҳои бонкӣ ва муайян намудани сифати онҳо дар шароити муосир [Матн]/ И.Қ. Аҳадов, Р.Ш. Сайёраева // Паёми ДМТ. - 2023. -№6. – С.113-120. ISSN 2413 – 5151.

**[5-М].** Аҳадов И.Қ. Баҳодиҳии идоракунии самараноки дороиҳои бонкӣ [Матн]/ И.Қ. Аҳадов, Ш.Қ. Хайрзода// Паёми ДДТТ. - 2023. -№2/1 (46) – С.144-153. ISSN 2308 – 054X.

**[6-М].** Аҳадов И.Қ. Арзёбии хавфҳои муосири бонкӣ ва таъсири онҳо ба сифати дороиҳо [Матн]/ И.Қ. Аҳадов, Ш.Қ. Хайрзода // Паёми молия ва иқтисод. 2023. № 1 (35). С. 21-31. ISSN 2663 – 0389.

**Дар дигар нашрияҳо:**

**[7-М].** Аҳадов И.Қ. Идораи дороиҳои бонкӣ дар малакатҳои хориҷӣ ва истифодаи таҷрибаи он дар низоми бонкии кишвар [Матн] / И.Қ. Аҳадов // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Тоҷикистон дар низоми муосири муносибатҳои молиявӣ-қарзии байналхалқӣ», 26-уми ноябри соли 2021 - Душанбе, ДДМИТ, 2021 – саҳ. 592.

**[8-М].** Аҳадов И.Қ. Роҳҳои ҷалби сармояи иловагӣ дар ташкилотҳои қарзӣ [Матн] / И.Қ. Аҳадов, Ш.Сайёраева // Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Арзёбии ҳолати фаъолияти соҳибкории хурду миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», бахшида ба Солҳои рушди саноат 2022-2026, 6-уми майи соли 2023 - Душанбе, ДДМИТ, 2023 – С. 119 – 124.

**[9-М].** Аҳадов И.Қ. Истифодаи таҷрибаи хориҷии идоранамоии дороиҳои бонкӣ  дар низоми бонкии кишвар [Матн] / И.Қ. Аҳадов // Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзӯи «Механизмҳои таъмини устувории молиявии ташкилотҳои қарзӣ дар шароити саноатикунонӣ ва иқтисодиёти инноватсионӣ», 10 – феврали соли 2023 - Душанбе, ДМТ, 2023. – С. 384 – 390.

**[10-М].** Аҳадов И.Қ. Таъсири хавфҳо ба рушди зихираҳо ва дороиҳои бонкӣ [Матн] / И.Қ. Аҳадов // Маҷмуи маводи  конференсияи илмӣ – амалии

ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Механизми татбиқи сиёсати баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити индустриаликунонии малакат: воқеият ва дурнамо», 23 – уми октябри соли 2021 - Душанбе, ДДМИТ, 2021- С.308 – 313.

**[11-М].** Аҳадов И.Қ. Идоракунии дороиҳои бонкӣ ва баҳодиҳии сифати онҳо [Матн] / И.Қ. Аҳадов // Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи илмӣ – назариявии ҳайати профессорон, устодон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бахшида ба 30 - солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (2019-2021), 12-17 апрели соли 2021 – Душанбе, ДДМИТ, 2021- С.268 – 271.

**[12-М].** Аҳадов И.Қ. Моҳияти дороиҳои бонкӣ ва сарчашмаҳои ташаккули он [Матн] / И.Қ. Аҳадов. // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Вазъи низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи пандемияи коронавирус (COVID-19)», Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, 11-уми декабри соли 2021. - Душанбе: «Нашриёти муосир», 2021. – С. 167 – 170.

**[13-М].** Аҳадов И.Қ. Таҳдиди хавфҳо ба дороиҳои бонкӣ ва идоранамоии он дар шароити имрӯза [Матн] / И.Қ. Аҳадов, А.М. Мирзоев// Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Ташаккули бахши молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақши он дар рушди устувори иқтисоди миллӣ», Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, 17-уми декабри соли 2022. – С.178-182. ISBN 978-999985-52-20-4.

**[14-М].** Аҳадов И.Қ. Роҳҳои коҳиш додани хавфи дороиҳои бонкӣ дар шароити имрӯза [Матн] / И.Қ. Аҳадов, С.С. Шарбатов // Маҷмӯаи мақолаҳои конференсияи илмӣ –амалӣ бахшида ба Рӯзи кормандони мақомоти молия дар мавзуи "Муаммоҳои инкишофи низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити гузариш ба иқтисодиёти индустриалӣ - инноватсионӣ". ш.Душанбе. 6-уми декабри соли 2022, саҳ.189.

**[15-М].** Аҳадов И.Қ. Баҳодиҳии сифати дороиҳои бонкӣ дар шароити имрӯза [Матн] / И.Қ. Аҳадов // Маводҳои конференсияи илмӣ – назариявии ҳайати профессорон, устодон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бахшида ба Солҳои рушди саноат (2022-2026), 18 – 23 апрели соли 2022 - Душанбе, ДДМИТ, 2022- С.105 – 108.

**[16-М].** Аҳадов И.Қ. Таъсири хавфҳо ба дороиҳои бонкӣ ва роҳҳои имконпазири кам намудани он [Матн] / И.Қ. Аҳадов // Маводҳои конференсияи илмӣ – амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир: муаммоҳои рушд ва роҳҳои ҳалли онҳо», 11-уми марти соли 2023 - Душанбе, ДДМИТ, 2023- С.113 – 119.

**[17-М].** Аҳадов И.Қ. Таҷрибаи хориҷии идоракунии дороиҳои бонкӣ ва истифодаи он дар бонкҳои тиҷоратии мамлакат [Матн] / И.Қ. Аҳадов // Маводҳои конференсияи илмӣ – амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир: муаммоҳои рушд ва роҳҳои ҳалли онҳо», 11-уми марти соли 2023 - Душанбе, ДДМИТ, 2023. – С.86 – 91.

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шуданд:**

**1. Асрорзода У.С. доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, ректори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон**, бо чунин эродҳо пешниҳод шудааст: 1) Дар автореферат маълумотҳои дар ҷадвалу диаграммаҳо овардашуда ба ҳам алоқамандии зич доранд ва баъзеашон якхела мебошанд. Хуб мешуд агар муаллиф ба таҳлили маълумотҳо ва рақамҳо аҳамияти ҷиддӣ медод ва аз нишондиҳандаҳои гуногун истифода мебурд.

2) Сатҳи илмии таҳқиқот боз ҳам баландтар мешуд, агар аз тарафи муаллиф сабабҳои асосии аз байн рафтани ташкилотҳои қарзии низомсоз ба пуррагӣ ошкор мегардид.

**2. Каримова М.Т.- д.и.и., дотсент, мудири шуъбаи таҳқиқоти назариявӣ ва робитаҳои иқтисоди хориҷии институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ** чунин эрод гирифтааст: 1. Дар автореферат қисмати институтсионалии идоракунии дороиҳои бонкӣ камтар ба чашм мерасад ва хуб мешуд ба ин қисмат низ аҳамияти ҷиддӣ зоҳир мегардид. 2. Ба манфиати таҳқиқот мешуд, агар муаллиф ба ҷалби сарчашмаҳои иловагии дороиҳо камтар аҳамият медод ва бештар ба механизми идоракунии он таваҷҷуҳ менамуд.

**3. Раҳимзода М.И. - н.и.и., и.в. дотсент, декани факултети менеҷмент ва маркетинги байналмилалии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**, бо чунин эродҳо пешниҳод шудааст: 1. Дар параграфи 1-уми боби 1, ки «Асосҳои назариявии идоракунии дороиҳои бонкӣ» номгузорӣ шудааст, унвонҷӯ ақидаи олимони ватаниро нисбат ба дороиҳои бонкӣ ва идоракунии онҳо нисбатан кам истифода намудааст ва дар акси ҳол арзиши кори таҳқиқотӣ боз ҳам баланд мегардид (саҳ.15-29).

2. Муаллиф дар таҳқиқоти илмии худ хавфҳои муосири бонкӣ ва таъсири онҳо ба сифати дороиҳоро арзёбӣ намудааст, аммо муаллифро мебоист хавфҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо карда, махсусан хавфҳои муосири бонкиро дар алоҳидагӣ муайян менамуд.

**4. Ҳалимов Л.М. - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон**, бо чунин эродҳо пешниҳод шудааст: 1. Дар ҷадвали 3-и автореферат сохтори низоми бонкӣ дар солҳои 2014-2021 таҳлил шуда, аз

рӯи маълумотҳои он муайян кардан мумкин аст, ки шумораи ташкилотҳои қарзӣ ба маротиб кам гардидааст, аммо муаллифро мебоист сабабҳои камшавии ташкилотҳои қарзиро таҳқиқ намуда, нисбати он пешниҳодҳои манфиатнок менамуд.

2. Дар автореферат муаллиф қайд менамояд, ки ҷиҳати дастгирии рушди иқтисодиёт дар Тоҷикистон сатҳи қарздиҳӣ ва пасандозгузориро ҳаҷман рушд додан лозим аст, аммо аз кадом сарчашмаҳо ва бо кадом роҳ, инчунин роҳҳои ҷалби пасандозҳо нишон дода нашудааст.

3. Муаллиф дар автореферат дар бораи мутобиққунии санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи бонкдорӣ ба стандартҳои Базелӣ сухан рондааст, аммо қайд нагардидааст, ки кадом самтҳои ба низоми бонкии мо мувофиқ ба назар гирифта шавад.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, қисме аз эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.

**Интихоби муқарризони расмӣ** бо пешниҳоди комиссияи ташхисии шурои диссертатсионӣ, инчунин бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқи масъалаҳои идоракунии дороиҳои бонкӣ, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

**Интихоби муассисаи пешбар** бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

-***консепсияи*** илман асоснок пешниҳод шудааст, ки танҳо дар сурати амалӣ намудани таҷрибаи мамлакатҳои хориҷа, муайянсозии вазъи имрӯза ва мушкилоти идоранамоии дороиҳои бонкӣ, дарёфти механизми идоракунии хавфҳои бонкӣ ва паст намудани таъсири он ба дороиҳо, ба идоракунии дурусту самараноки дороиҳо дар низоми бонкии ҷумҳурӣ ноил шудан мумкин аст.

- ***таърифи муаллифии*** дороиҳои бонкӣ пешниҳод гардидаст: а) «дороиҳо аз маблағҳо ва сарватҳое иборат мебошанд, ки бонкҳо дар ихтиёри худ доранд ва қисмате аз онҳо аз ҷониби бонк ба таври муваққатӣ ҷалб карда шуда, барои ба роҳ мондани фаъолияти худ ва пешбурди он истифода бурда мешаванд»; б) **дар фарқият аз таърифҳои муҳаққиқони дигар** ба муваққатан ҷалб шудани як қисмати дороиҳои бонкӣ (дар шакли пассив)

таъкид мекунад ва ин омил масъулияти роҳбарияти ташкилотҳои қарзиро дучанд мегардонад.

- ***методикаи*** такмилшудаи идоракунии дороиҳои бонкӣ таҳия ва пешниҳод шудааст, ки ба диверсификатсияи амалиётҳо, баланд бардоштани сифати сандуқи қарзӣ, паст намудани таъсири хавфҳо ба дороиҳо ва ташаккул додани дороиҳои бонкӣ асос ёфтааст.

- ***омилҳо ва мушкилот ошкор шудаанд:*** 1) нокифоя будани дороиҳо дар тавозуни бонкҳои тиҷоратӣ; 2) афзоиши қарзҳои мушкилотдор; 3) паст шудани қобилияти пардохтпазирии муштариён ва тамоюли коҳишёбии шумораи онҳо; 4) эътимоди пасти аҳолӣ ба ташкилотҳои қарзӣ; 5) мавҷуд будани мушкилот дар раванди қарзгирӣ; 6) ҳамкории сусти байни ташкилотҳои қарзӣ ва мизоҷон ва норасоии мутахассисони соҳаи бонкдорӣ.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар он:**

- ***муқарраротии*** асосии кор бо муҳтавои консепсияҳои бунёдӣ оид ба дороиҳои бонкӣ, ки дар асарҳои олимони маъруфи ватанӣ ва баён шудаанд, мувофиқат мекунанд ва дар доираи равишҳои консептуалӣ, ки дар монографияҳои илмӣ, маводи конференсияҳои илмӣ-амалӣ, ҳисоботи марказҳои илмиӣ тадқиқотӣ, инчунин, дар қонунҳо, стратегияву барномаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон баён гардидаанд, сурат гирифтааст.

- ***исбот шудааст,*** ки ташкили системаи комплексии идоракунии дороиҳои бонкӣ ва самаранок истифода бурдани усулҳои алоҳидаи онҳо бидуни ташкили идоракунии хавфҳои бонкӣ ғайриимкон мебошад.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта:**

- ***ғояи*** нисбатан суст рушдёфта будани низоми идоракунии дороиҳои бонкӣ ва худи низоми муосири бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи бисёр нишондиҳандаҳо баён шудааст ва ***исбот гардидааст***, ки омӯзиш ва ҷорӣ намудани таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ дар ин самт метавонад ба рушди низоми идоракунии дороиҳо мусоидат кунад.

- ***самтҳои*** афзалиятноки идоракунии дороиҳои бонкӣ муайян ва модели регресиионии арзёбии нишондиҳандаҳои муҳими бонкӣ, ки ба дороиҳо таъсири бевосита дорнад, ***муайян ва илман асоснок карда шудааст***.

- ***методологияи*** баҳодиҳии раванди идоракунии дороиҳои бонкӣ ва муайян намудани сифати онҳо, самаранок истифода бурдани захираҳои бонкӣ ва сафарбарнамоии онҳо ба амалиётҳои гуногун пешниҳод ва асоснок шудааст, ки дар маҷмуъ ба устувории низоми бонкӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия** чунин тасдиқ карда мешавад, ки:

- ***тавсияҳои методӣ ва амалии*** таҳиякардаи муаллиф дар раванди тадриси фанҳои «Фаъолияти бонкӣ», «Муомилоти пул ва қарз», «Танзим ва назорати бонкӣ», «Баҳогузории фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ» дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон истифода шудаанд (санади татбиқи натиҷаҳо аз аз 04.09.2023 таҳти №2). Ҳамзамон, тавсияҳои асосноки муаллиф дар амалия, дар фаъолияти ҶСП “Спитамен Бонк” мавриди истифода қарор гирифтаанд (санади татбиқи амалӣ аз ҶСП “Спитамен Бонк” аз 25.08.2023 таҳти №33/2).

- ***модели регресиионии*** арзёбии нишондиҳандаҳои бонкӣ таҳия карда шуд, ки мувофиқи он: нишондиҳандаҳо то соли 2026 баланд мешаванд ва ин ҳам бошад, дар ҳолати дуруст идора намудани дороиҳо, уҳдадориҳо, сармоя, низоми қарздиҳӣ, пайдо намудани сарчашмаи нави ташаккули дороиҳо ва истифодаи таҷрибаи хориҷии дар ин масъала зарурӣ.

- ***стратегияи*** дастгирии ташкилотҳои қарзии молиявӣ аз тарафи давлат тавассути дотатсияҳои буҷетӣ ҷиҳати боло бардоштани иқтидори қарздиҳӣ таҳия шудаааст, ки ин ба баланд бардоштани нишондиҳандаҳои дигари макроиқтисодӣ мусоидат менамояд.

- ***пешниҳод шудааст***, ки сохтори махсуси идоракунии қарзҳо бо номи «Шуъбаи назорати қарзҳо ва маълумотдиҳӣ» барои назорати мақсаднок истифода шудани қарзҳо, ҳолати молиявии мизоҷон, масъалаҳои ҳалталаби онҳо ва зич намудани робитаи мизоҷон бо бонк оид ба гирифтани маълумот доир ба қарз ва ҳалли якҷояи проблемаҳои қарзие, ки дар раванди истифодаи он ба вуҷуд меоянд, ташкил карда шавад.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:**

- ***назарияи*** илман асоснок дар асоси таҳқиқоти олимони соҳа, омӯзиши асарҳои илмӣ оид ба дороиҳои бонкӣ ***пешниҳод гардидааст,*** ки ин омилҳои таъсиргузор ба сифат ва ҳаҷми онҳо ва пайдо намудани роҳҳои идоракунии муносиби дороиҳо, уҳдадориҳо, сармоя, низоми қарзӣ ва дарёфти манбаъҳои нави ташаккули дороиҳо дар оянда мусоидат хоҳад намуд.

- ***равиши илман*** асоснокшудаи тавсия ба Бонки миллии Тоҷикистон оид ба ташкили агентиҳои махсуси рейтингӣ, ки ташкилотҳои қарзиро дар номинатсияҳои гуногун - аз рӯйи дороиҳо ва истифодаи самараноки онҳо, аз рӯйи ҷалби уҳдадориҳо, аз рӯйи хизматрасонии босифат, аз рӯйи даромаднокӣ, аз рӯйи нишондиҳандаҳои сандуқи қарзӣ, аз рӯйи ҷалби мизоҷон ва шумораи онҳо, аз рӯйи кормандони баландихтисос ва ғайра баҳогузорӣ намоянд.

- ***усулҳои*** мустаҳкам намудани ҳамкории бонкҳои тиҷоратӣ бо бо дигар ташкилотҳои қарзӣ ва мизоҷон, ҷорӣ намудани рейтингузорӣ дар байни ташкилотҳои қарзӣ, осон гардонидани равандҳои қарздиҳӣ, ташкили шуъбаи

қарздиҳии сайёр аз тарафи ташкилотҳои қарзӣ ва омода намудани мутаххасисони соҳавӣ ҳамчун роҳҳи ҳалли мушкилот тавсия карда шуд.

- **муайян карда шуд,** ки натиҷаҳои сифатӣ ва миқдории таҳқиқот тавассути манбаъҳои муътамади назариявӣ ва амалӣ таъйид гардида, истинод ба адабиёти иқтибосгардида бо риояи муқаррароти мавҷуда сурат гирифтааст. Диссертатсия аз санҷиши асолати илмӣ гузашта, маълумотнома аз барномаи "Антиплагиат" сароҳатан сатҳи онро 91,01% нишон додааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот дар:** 1) муаллиф дар тавсеаи назарияи бонкдорӣ, дороиҳои бонкӣ ва механизмҳои идоранамоии дороиҳои бонкӣ саҳми муайян гузоштааст; 2) дар асоси омӯзиши муқаррароти назариявӣ, муаммоҳои ташаккули дороиҳои бонкӣ ва идоранамоии онҳо, ки аз хусусиятҳои рушди иқтисоди миллӣ дар шароити ноустувории молиявии ҷаҳонӣ бармеоянд, омилҳо ва механизмҳои асосии таъмини устувории дороиҳои бонкии кишвар муайян карда шудааст; 3) иҷрои нақшаи кории илмӣ дар ҳамаи давраҳо ҷиҳати: интихоб ва таҳияи мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва нақшаи кории иҷрои вазифаҳои он бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст; 4) дар омода намудани 17 мақола, аз он ҷумла 6-адад мақолаи илмӣ дар нашрияҳои Комиссияи олии аттестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистоноид ба масъалаи омӯхташуда иборат аст.

Шурои диссертатсионӣ ба хулоса омад, ки таҳқиқоти диссертатсионии Аҳадов Исматилло Қаюмович дар мавзуи «Такмили низоми идоракунии дороиҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, кори мустақилона анҷомшудаи илмӣ ва тахассусӣ маҳсуб ёфта, дорои мубрамӣ, навгониҳои илмӣ ва аҳамияти назариявию амалӣ мебошад ва дар таҳкими асосҳои назариявию методии идоракунии дороиҳои бонкӣ саҳм гузошта, имкон медиҳад, ки масоили ҳалталаби соҳа ҳаллу фасл гарданд. Диссертатсия ба бандҳои 10.12; 10.13; 10.14 ва 10.16-и Шиносномаи ихтисосҳои илмии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мувофиқат мекунад.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 аз санаи 15.03.2024 қарори сазовор донистани Аҳадов Исматилло Қаюмович бо дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисод аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 13 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла мутахассисон 4 нафар аз руйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 13 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии

номзади илмҳои иқтисодӣ: «Тарафдор» –13 нафар, «Муқобил» – нест, «Бетараф» – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ д.и.и., профессор — Факеров Ҳ. Н.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ, н.и.и. — Убайдуллоев Ф. К.